ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Киромуддинов Зиёрат Қиёмуддинович дар мавзуи «Эҷодиёти Н.С. Тихонов бар мабнои равобити адабии тоҷику рус дар асри XX» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ

Равобити адабӣ дар адабиётшиносии тоҷик мақоми махсусе касб намуда, таҳлилҳо ва таҳқиқҳои ҷиддиро дар самти поянда нигоҳ доштани пайванди адабии халқҳои олам, ки бо тамаддуни рангорангу мухталифашон дар даврони муосир майдони сарсабзи адабиёти ҷаҳониро ҷилва медиҳанд, ба роҳ мондааст. Аз ин рӯ, ҳар падидаи илмие, ки дар ин самт ба вуқуъ мепайвандад, он бешубҳа шаммае ба хазинаи адабиётшиносӣ, бахусус равобити адабӣ зам мекунад.

Таҳқиқоти илмие, ки Киромуддинов Зиёрат Қиёмуддинович дар мавзуи «Эҷодиёти Н.С. Тихонов бар мабнои равобити адабии тоҷику рус дар асри XX» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ ба майдони илми тоҷик пешниҳод кардааст, аз зумраи он таҳқиқотҳое мебошад, ки кайҳо боз ин масъала бояд дар доираи илмӣ ҳалли худро меёфт, зеро истиқлолияти давлатӣ ва соҳибдавлат будани миллати баруманди тоҷик, ба ин гуна таҳлилҳо ва таҳқиқҳо барои пешбурди илми тоҷик дар ин раванд мустақилона ниёз дорад.

Таҳқиқи эҷодиёти Н.С. Тихонов бар мабнои равобити адабии тоҷику рус хеле муҳим буда, пажуҳиши мустақилонаи он дар адабиётшиносии тоҷик то имрӯз ба роҳ монда нашудааст. Мусаллам аст, ки Н.С. Тихонов – адиби халқи рус, ҳамчун мунодии сулҳу дӯстӣ дар адабтиёти Шуравӣ шуҳрат дошт, бинобар ин ба гуфти муаллифи диссертатсия: «Дар шоҳроҳи нави таърихӣ, яъне асри XXI, омӯзиши тозаи робитаҳои адабии тоҷику рус, муайян намудани нақши эстетикии он ва муоширати адибон дар таҳқиқи адабиёти замони Шуравӣ хеле муҳим аст. Бахусус, муоширати Н.С. Тихонов бо адибони тоҷик, ба мисли М. Турсунзода ва М.Миршакар дар ташаккули пайвандҳои адабию фарҳангии тоҷику рус назаррас буда, самимияти қарини ин адибонро дар рушди ғояи сулҳу суботи ҷаҳон беназир бояд донист»

Ҳарчанд доир ба эҷодиёти Н.С.Тихонов дар адабиётшиносии тоҷик мақолаҳои алоҳида аз ҷониби адибон М. Турсунзода, М. Миршакар ва муҳаққиқон А. Маҳмадаминов, М.Давлатова ва чанде дигарон иншо шудааст, аммо то ҳанӯз кори мукаммали илмӣ ба анҷом нарасидааст. Аз ин хотир, бояд таъкид кард, ки сари ин масъала диссертант Киромуддинов

Зиёрат дар мавзуи «Эҷодиёти Н.С. Тихонов бар мабнои равобити адабии тоҷику рус дар асри XX», пешдастӣ намуда, тавонистааст як кори хубу ҷиддиеро дар ин самт ба майдони илми адабиётшиносии тоҷик, бахусус равобити адабӣ ворид намояд.

Таъкид кардан бамаврид аст, ки ҳадаф ва вазифаҳое, ки дар диссертатсия гузошта шудаанд, бо сохтори он асоснок шуда, татбиқу коркарди онро ба пуррагӣ дар бар мегирад. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат буда, дар муқаддима доир ба муҳиммияти мавзуи рисола, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои тадқиқот, асосҳои методологии таҳқиқ, навоварии илмии диссертатсия ва саҳми шахсии муҳаққиқ, аҳамияти назариявӣ ва амалии мавзӯъ ва манбаъҳои илмӣ маълумот дода шудааст.

Боби аввали диссертатсия «Н.С. Тихонов ва муносибати ӯ ба адабиёти тоҷик» номгузорӣ шуда, аз 3 фасл мураттаб шудааст. Дар боби мазкур муаллиф доир ба масоили назариявии пайдоишу ривоҷи робитаҳои адабии тоҷику рус дар замони шуравӣ ва масъалаҳои рушду такомули тарҷума зикр намуда, мухтасар роҷеъ ба зиндагинома ва фаъолияти адабии Николай Тихонов, назари ӯ ба адабиёти тоҷик ва масъалаи пайвандҳои адабӣ дар мукотибаҳо маълумот медиҳад. Муаллифи диссертатсия дар фасли аввали боби мазкур зикр мекунад, ки: “Николай Тихонов ҳамчун шоири инсонпарвар, қосиди сулҳ, оташинсухану хушгуфтор муаррифӣ гардида, осори ӯ бо 52 забони ҷаҳон тарҷума шудааст. Н.С. Тихонов дар ташаккули адабиёти Шуравӣ саҳм гузошта, бо адибони кишварҳои собиқ шуравӣ ҳамеша дар тамоси дӯстӣ қарор дошт”. Гуфтан ба маврид аст, ки унвонҷӯ ба ҳар яке аз фаслҳои боби мазкур маълумоти илмӣ ва назариявӣ дода, ҳар як таҳлили пешниҳодгардидаро бо равиши илмиву пажӯҳиши шахсӣ ба таври мухтассар асоснок кардааст.

Дар фасли дуюми боби мазкур назари Н.С. Тихонов ба адабиёти тоҷик баён гардидааст. Унвонҷӯ муносибати адиби рус Н.С.Тихоновро нисбат ба адабиёти тоҷик мавриди таҳлил қарор дода, аз баромадҳо ва суханронихои ӯ ёдовар шудааст. Диссертант муносибати Н.С.Тихоновро дар робита ба адабиёти тоҷик хеле дуруст пай бурда, қайд мекунад “Н.С.Тихонов ба адабиёти тоҷик чун адабиёти дорои ғановати волои маънавӣ ва машҳуру маълум рағбати хосса дошт ва истеъдоди фитрии ин мардумро ҳеҷ гоҳ инкор накардааст”. Дар баробари ин чандин мисолҳои дигарро низ барои исботи фикр овардааст.

Дар фасли сеюми боби якум диссертант ба масъалаҳои пайвандҳои адабӣ дар мукотибаҳо таваҷҷуҳ намуда, хусусан мукотибаҳои

Н.С.Тихонов ва шоирони маҳбуби тоҷикон – Қаҳрамони Тоҷикистон Мирзо Турсунзода ва Мирсаид Миршакарро мавриди таҳлил қарор додааст.

Дар охири боби мазкур унвонҷӯ ба чунин хулоса омадааст: “Зиндагиномаи Н. С. Тихонов корномаи абармардест, ки дар ҷомеаи ҷаҳонӣ зидди асорати мардуми мазлум бо қалам ва фитрати хеш мубориза бурдааст. Натиҷаҳои сафари шоир дар силсилашеърҳо ва ҳикояҳои ӯ дар бораи сокинони азияткашидаи кишварҳои Шарқ, хусусан, Афғонистону Покистон ва Ҳиндустон инъикос гардидаанд. Ҷаҳонбинӣ ва мундариҷаи ашъори Н. С. Тихонов ба дигар шоирони ҳамсафаш ва намояндагони адабиёти кишварҳои собиқ шуравӣ таъсири амиқ гузоштаанд. Романтизму реализми Н.С. Тихонов на ибрози ормонҳои шоир, балки таҷассуми вазъи ногувори мардум ва мушкилоти башарият бар зидди ҷангу зулм ба шумор меравад.”

Боби дуюми рисолаи илмӣ «Таҷассуми масъалаҳои Шарқ дар осори Тихонов Н.С., Мирзо Турсунзода ва Мирсаид Миршакар» номгузорӣ шуда, он аз се фасл иборат мебошад, ки ҳар кадом бо таҳлил ва тадқиқи пешниҳодгардидаи муаллиф асоснок карда шудаанд. Дар боби мазкур масъалаҳои тасвири мушкилоти кишварҳои Шарқ дар ашъори Н.С. Тихонов, мавзуи Шарқ дар эҷодиёти М. Турсунзода ва Н.С. Тихонов ба масъалаҳои ҳамоҳангии мавзӯъ ва диди адабӣ, тасвири Шарқ дар шеъри Мирсаид Миршакар баррасӣ гардидаанд. Муаллифи диссертатсия зикр мекунад, ки “Н. Тихонов ва М. Турсунзода таърих ва анъанаҳои миллии мардуми Шарқро дар вақти сафарҳояшон меомӯзанд ва онро дар ашъори публитсистии худ тасвир менамоянд”. Диссертант ба хулосае меояд, ки образҳои офаридаи Н.С. Тихонов ва М. Турсунзода ифодакунандаи мақсаду мароми мардуми озодихоҳи Шарқ мебошанд.

Боби сеюми диссертатсия «Тарҷумаи осори Н.С. Тихонов ба забони тоҷикӣ» номгузорӣ шуда, аз се фасл таркиб ёфтааст. Дар боби мазкур арзиши бадеии тарҷумаи осори Н.С. Тихонов таҳқиқ гардидааст. Дар фасли аввали боби мазкур унвонҷӯ доир ба таърихи тарҷума дар адабиёти давраи нави тоҷик иттилоъ дода, пеш аз ҳама аз тарҷуманигории тоҷик дар даврони қадим ва муосир ёдовар мешавад. Фасли дуюми боби сеюмро муаллифи диссертатсия ба тарҷумаи тоҷикии осори насрии Н.С. Тихонов бахшидааст. Муаллифи диссертатсия доир ба тарҷумаҳои асарҳои насрии Н.С.Тихонов аз ҷониби адибон ва мутарҷимони тоҷик Ҳаким Карим, М. Искандаров, А. Одинаев, Саидӣ Боғиров, Э. Муллоқандов, Ғ. Мирзо, Ҷумъа Одина, Ш. Шараф, Ш.Собир, Ҳ.Салимов, М. Наҷмиддинов, Ю. Акобиров ва дигарон ёдовар шуда, баъзан тарҷумаҳоро бо ҳам муқоиса ва баъзан таҳлил намудааст, ки аз маҳорати хуби назари таҳлилӣ доштани унвонҷӯ дарак

медиҳад. Дар фасли сеюми боби сеюм бошад, доир ба тарҷумаҳои шеърҳои Н. Тихонов ба забони тоҷикӣ маълумот дода мешавад. Дар ин фасл низ унвонҷӯ шеърҳои Н.С. Тихоновро зикр намуда, сипас тарҷумаҳоро ба таври муқоиса оварда, онҳоро бо таҳлилу баррасии холис таҳқиқ намудааст.

Дар қисмати хулоса, муҳаққиқ андешаҳои худро хуб ҷамъбаст намуда, таҳлил, муқоиса ва татқиқотро дар самтҳои муайнгардидаи рисолаи илмӣ ишора кардааст.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои илмии интишорнамудаи Киромуддинов Зиёрат Қиёмуддинович ба ҳадди кофӣ муҳтавои диссертатсияи номзадиро инъикос намудаанд. Дастгоҳи илмии автореферати диссертатсия ба меъёрҳои "Дастуруламал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзӯи диссертатсия", ки бо қарор Раёсати КОА ҶТ аз 28 июни соли 2017, №3/1 тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгӯ мебошад.

Диссертатсия бо забони шево ва равон навишта шуда, дар умум пажӯҳиши дурусти бароҳмондаи муаллифро нишон медиҳад. Аз мутолиаи он бармеояд, ки муҳаққиқ дар баробари эҳтиром гузоштан ба андешаи олимон бо овардани санадҳои муътамад ба саҳифаҳои асарҳои илмии онҳо ишораҳо ҳам кардааст.

Аз мутолиаи диссертатсия ва автореферати диссертатсияи Киромуддинов Зиёрат Қиёмуддинович хулоса баровардан мумкин аст, ки муҳаққиқ дар натаҷаи ҷаҳду талоши илмӣ ба мақсади худ расидааст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки таҳқиқот, натиҷагирӣ ва таҳлилҳои баррасигардида аз ҷониби муаллиф хеле мӯшикофона ва ҷолиб мебошанд.

Аммо дар баробари дастовардҳо дар кори илмӣ чанд камбудӣ ва норасоиҳое низ ба назар расидаанд, ки ба назари мо дар оянда барои беҳбудии кайфияти таҳқиқ ва афзудани арзиши илмию амалии диссертатсия аз манфиат холӣ нахоҳад буд:

1. Дар саҳифаҳои алоҳидаи диссертатсия ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ мавҷуд аст, ки ислоҳи он дар доираи талаботи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ мебошад ва ба рисолаи мазкур ҳусни дигар мебахшад (саҳ. 9, 11, 19, 22, 33);

2. Ҳарчанд ки рисола услуби хуби илмӣ дошта бошад ҳам, баъзан муаллиф аз масъалаи асосӣ дур рафта, ба таҳлили мазмуну муҳтавои матн саъй намудааст;

3. Хуб мешуд, ки муаллиф ҳангоми таҳқиқи матнҳои тарҷумашудаи насри Н. Тихонов ба масъалаҳои муҳтавои он низ таваҷҷуҳ менамуд;

4. Муҳаққиқ тамоми имконоти фитрӣ, илмӣ ва ҷӯяндагии худро баҳри муназзам ва мусаллам будани нукоти мавриди таҳқиқи рисола равона карда бошад ҳам, ба андешаи муаллифи ин сатрҳо таҳлили зиндагиномаи шоир вобаста ба ҳаёти сиёсӣ ва фарҳангии давр бештар бояд шарҳ дода мешуд.

5. Дар номгӯйи баъзе асарҳо дар феҳристи рисола хатоии пунктуатсионӣ дида мешавад.

Новобаста аз камбудиҳои зикргардида, диссертатсияи номзадии Киромуддинов Зиёрат Қиёмуддинович дар мавзӯи «Эҷодиёти Н.С. Тихонов бар мабнои равобити адабии тоҷику рус дар асри ХХ» кори илмии баанҷомрасида буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ пешниҳод шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар маҷмуъ аз ошноӣ бо диссертатсияи номзадии Киромуддинов Зиёрат Қиёмуддинович дар мавзӯи «Эҷодиёти Н.С. Тихонов бар мабнои равобити адабии тоҷику рус дар асри ХХ» бармеояд, ки муаллифи он ҳамчун муҳаққиқи хубе ба камол расида, ба дастовардҳои адабиётшиносии муосир хуб ошност, аз маводи илмӣ хуб истифода мебарад ва фикру андешаҳои илмии худро бо далелу бурҳон ба таври зарурӣ асоснок карда метавонад. Бинобар ин мавсуф ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ сазовор мебошад.

Муқарризи расмӣ:
номзади илми филология, дотсенти
кафедраи илмҳои иҷтимоӣ ва
гуманитарии Филиали Донишкадаи
энергетии Москва дар шаҳри Душанбе Бариева М.Х.

22.12. 2022 г.
Нишонӣ: 734000, ш.Душанбе, к.М. Турсунзода, 82
E-mail: dcn-71@mail.ru
Тел: (992)00 444 14 41

Имзои М.Х. Бариеваро тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории махсуси
Филиали Донишкадаи энергетии Москва
дар шаҳри Душанбе Р.Д. Ашурова

«22» декабри соли 2022